*Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*
*Тоҷикистон бо суроғаи ш Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Нуруллоева Мадинабону Мавлоновна дар мавзуи «Ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Муносибати пешрафтатарин ва навоварона ба рушди минтақа дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва нақши калидии иттилоот дар равандҳои иқтисодӣ рушди кластерии ҳудудӣ мебошад. Кластерҳо омили пешбарандаи на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба баланд бардоштани рақобатпазирии минтақаҳо ва кишварҳо низ таъсир мерасонанд.

Кластер, ин як гурӯҳи ташкилотҳои ба ҳам алоқаманд (ширкатҳо, корпоратсияҳо, донишгоҳҳо, бонкҳо ва ғ.), ки дар ҳудуди муайян мутамарказ шудаанд: таъминкунандагони маҳсулот, ҷузъҳо ва хизматрасониҳои махсус; инфрасохтор; институтҳои тадқиқоти илмӣ; донишгоҳҳо ва дигар созмонҳое, ки якдигарро пурра мекунанд ва бартарии рақобатпазирии ширкатҳои алоҳида ва дар маҷмӯъ кластерро тақвият медиҳанд. Кластер дорои хосиятҳои рақобати мутақобилаи иштирокчиёни он, ҳамкории иштирокчиёни он, ташаккули салоҳиятҳои беназири минтақа, ташаккули консентратсияи корхонаю ташкилотҳо дар ҳудуди муайян мебошад.

Рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ асоси стратегияҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, барномаҳои рушди соҳаҳои минтақавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ мебошад. Кластерҳо системаҳои мураккаби истеҳсолӣ ва технологиро ташкил намуда, сармоягузориҳои афзалиятнокиро муайян мекунанд, инчунин барои азнавтаҷҳизонидани саноат шароит фароҳам меоранд. Афзалиятҳои раднашавандаи равиши кластерӣ дар идоракунии рушди ҳудуд ва ташаббусҳои кластерӣ ҳуҷҷатҳои банақшагирии ҳудудиро ба инобат мегиранд, ки дар рушди стратегии кишвар дар маҷмӯъ ва ҳар як минтақаи он нақши муҳим доранд. Дар баробари ин, мушкили асосии ба инобат гирифтани афзалиятҳои стратегии рушди кластерӣ дар он имконнопазирии муайян намудани сарҳади аниқи кластер ва ҷудо кардани майдони алоҳидаи саноатӣ барои он мебошад. Ин аз он сабаб аст, ки кластер аз нуқтаи назари фазоӣ на як қаламрави мушаххас бо сарҳадҳои қатъӣ, балки сохтори шабакавӣ мебошад. Барои ҳалли масъалаи муайян кардани сарҳади кластери саноатӣ фаҳмидан лозим аст, ки рушди кластер ҳангоми таҳияи ҳуҷҷатҳои гуногуни банақшагирии стратегии рушди ҳудудии минтақа чӣ гуна ва бо кадом дараҷаи муфассал ба назар

гирифтан зарур аст. Шарти зарурии татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ҳавасмандгардонии кластерҳо мавҷудияти стратегияи минтақавӣ мебошад, ки бояд нуқтаҳои асосии рушди минтақаро дар маҷмӯъ ба инобат гирад.

Маҳз ҳамин масъалаҳои актуалӣ дар автореферати Нурублоева М.М. ҳаллу фасл шудаанд, ки дар асоси ин, аҳамияти мавзуи интихобкардаи рисола шубҳа надорад. Дар асоси муқарраароти дар автореферат ифодаёфта, мо метавонем хулоса намоем, ки сохтори таҳқиқот пайваста ва мантиқона сохта шудааст. Автореферати диссертатсия тамоми фаслҳои зарурирo дарбар гирифта, бо возеҳ будани баёни мақсад, вазифаҳо ва натиҷаҳо хос аст.

Натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқот дар он аст, ки унсурҳои нави илмиро дорост, аз инҳо иборатанд:

-самтҳои стратегии такмили асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ошкор карда шуда, ҷиҳати танзими шароити мусоиди рушд маҷмуи чорабиниҳо таҳия, механизми татбиқи онҳо коркард ва алгоритми таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод карда шудааст;

- модели кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон" таҳия карда шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ самтҳои стратегии инкишофи он муайян карда шудааст, ки фарогири унсурҳои институтсионалӣ, инноватсионию инвеститсионӣ ва ташкилию иқтисодӣ мебошад;

- кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар заминаи муттаҳидсозии корхонаҳои хурду миёна кластери ҳудудию саноатии минтақавӣ таъсис дода шуда, дар ин замина фаъолияти инноватсионии онҳо тақвият дода шавад.

Муқаррароти мазкур на танҳо натиҷаҳое мебошанд, ки навгониҳои илмӣ доранд, балки барои тараққиёти пурсамари вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти амалӣ дорад. Аз рӯи автореферат, хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллиф вазифаҳои ба миён гузоштаро бомуваффақият ҳал намуда, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳоро бо истифода аз маълумоти таҳлилӣ ва оморие, ки маҷаллаҳои бонуфуз ва нашриҳои ватанӣ ва хориҷӣ интишор кардаанд, муайян мекунад.

Инҳоро ҳамчун эродҳо бояд қайд кард:

- дар автореферат методологияи таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба таври ҷадвал пешниҳод мегардид, хуб мешуд.

- дар автореферат муаллиф фикру ақидаҳои олимонро оид ба мафҳуми кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод менамуд, мувофиқи мақсад мебуд.

Ин камбудиҳо арзиши умумии кори диссертатсияро паст накарда, ба натичаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд. Сарфи назар аз эродҳои зикршуда, мо чунин мешуморем,

ки кори Нурублоева М.М. ба дараҷаи рисолаи номзадӣ мувофиқат мекунад ва аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Вобаста ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки аз он 5 мақолааш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Дар асоси маълумоти дар автореферат овардашуда диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ навишта шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, довталаб Нурублоева М.М. сазовори гирифтани унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., профессори кафедраи
идоракунии давлатӣ ва маҳаллии
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷурабоев Ғ.Ҷ.

"Имзои Ҷурабоев Ғ.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 735700 ш.Душанбе , н.Фирдавсӣ кӯчаи Борбад 48/5
Телефон: +992372 34 8802, E – mail: dsx_ips@mail.ru